ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири *Bacillus Subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ). шаҳри Душнабе, 2026, 149 саҳ.

1. Мутобиқати мавзуъ ба талаботи ихтисоси илмӣ

Мавзӯи диссертатсия ба омӯзиши масъалаҳои асосии аксуламали ғайрихоси аллергӣ нисбат ба туберкулин, усулҳои ташхиси аллергӣ, иммунология ва микробиология бахшида шуда, ба ихтисоси 4.3.2. – Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пурра мувофиқ мебошад ва мундариҷаи рисола ба талаботи меъёрии рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Мубрамияти мавзуи тадқиқот

Бемории сили ҳайвонот яке аз мушкилоти мубрами соҳаи ветеринарӣ буда, ташхиси саривақтӣ ва дақиқи он дар пешгирии паҳншавӣ ва кам кардани талафоти иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Дар амалияи мавҷуда санҷиши дохилипӯстӣ бо истифодаи ППД-туберкулин ҳамчун усули асосии ташхиси сил дар чорвои калони шохдор эътироф шудааст. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир ҳодисаҳои аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин, ки бо сенсибилизатсияи организм аз ҷониби микобактерияҳои ғайрисилӣ алоқаманданд, ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Ин падида боиси он мегардад, ки ҳайвоноти солим ба хато мусбат арзёбӣ шуда, ба забҳи беасос ва талафоти иқтисодии ҷиддӣ оварда расонад. Махсусан дар хоҷагиҳои аз нигоҳи сил мусоиди Тоҷикистон шумораи чунин вокунишҳо нисбат ба хоҷагиҳои ноустувор то 3,5 маротиба зиёдтар буда, ин масъаларо хеле муҳим месозад.

Илова бар ин, набудани усулҳои тафриқавии боэътимод барои фарқ кардани аксуламалҳои хос ва ғайрихос, коркарди равишҳои нави ташхисӣ ва пешгирикунандаро тақозо мекунад. Дар ин замина, истифодаи пробиотикҳо, аз ҷумла штаммҳои *Bacillus subtilis*, ҳамчун самти нави илмӣ таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб намудааст, зеро онҳо нисбат ба микобактерияҳои касалиовар қобилияти антагонистӣ доранд. Ин равиш метавонад ба коҳиши аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ ва баланд бардоштани дақиқии ташхис мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти ҳадафнок дар самти муайян

кардани сабабҳои зоҳиршавии аксуламалҳои аллергӣ ва пешниҳоди усулҳои самараноки мубориза бо онҳо яке аз вазифаҳои муҳими илми ветеринарӣ ба шумор меравад.

Муаллиф ин мушкилотро дуруст, воқеӣ ва илмӣ асоснок ба миён гузошта, ба масъала ҳам аз дидгоҳи назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ муносибати амиқ зоҳир намудааст. Тадқиқот ҷавобгӯи эҳтиёҷоти соҳаи тибби ветеринарӣ мебошад ва метавонад ҳамчун замина барои беҳтарсозии низоми миллии ташхиси дақиқи бемории сил хидмат кунад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Натиҷаҳои илмии бадастомада дар диссертатсия аз навгонии назаррас бархӯрдор буда, ҷанбаҳои муҳими ташхиси тафриқавии бемории сили чорвои калони шохдор ва пешгирии аксуламалҳои ғайрихоси аллергиро дар бар мегиранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷонибаи паҳншавӣ ва динамикаи аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар хоҷагиҳои аз нигоҳи сил мусоид гузаронида шуда, робитаи онҳо бо микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шудааст. Арзиши ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) барои тафриқаи аксуламалҳои аллергӣ дар хоҷагиҳои мусоид асоснок гардидааст.

Таҳқиқи хусусиятҳои сенсибиликунанда ва патогении се намуди микобактерияҳои ғайрисилӣ – *M. phlei, M. smegmatis ва M. fortuitum* – дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ (хукчаҳои баҳрӣ, харгӯшҳо) ва чорвои калони шохдор нишон дод, ки ин микобактерияҳо бидуни иллатзо будан, қобилияти бавуҷудоварии аксуламалҳои аллергиро нисбат ба ММҒ доранд. Хусусияти асосии ин аксуламалҳо кӯтоҳмуддатӣ ва аз байн рафтани онҳо дар давраи 3–6 моҳи пас аз сироятёбӣ мебошад.

Илова бар ин таъсири бактериостатикӣ ва антагонистии штаммҳои *Bacillus subtilis (BS TJ 09 ва BS TJ D26)* нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ ва микобактерияҳои бемории сил дар шароити лабораторӣ омӯхта ва исбот карда шуд.

Нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда асосан ба дараҷаи паҳншавӣ ва динамикаи аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар хоҷагиҳои мусоиди ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф дода шуда, хусусиятҳои иллатзойӣ ва сенсибиликунандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор муқаррар карда шудааст.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Натиҷаҳои диссертатсия ба ҳаҷми назарраси маводи таҷрибавӣ ва маълумоти амалӣ асос ёфтаанд, ки эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳоро пурра таъмин менамоянд. Тадқиқот дар давраи солҳои 2009–2022 дар қаламрави шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, аз ҷумла дар хоҷагиҳои кооперативии «Л. Муродов» ва «Ватан» (шаҳри Ҳисор), «Хоҷамӯъмин» (ноҳияи Восеъ) ва «Наврӯз» (ноҳияи Шаҳринав) гузаронида шуда, ин ба муаллиф имконият додааст, ки вазъи эпизоотӣ ва хусусиятҳои минтақавии зоҳиршавии аксуламалҳои ғайрихоси туберкулиниро дар шароити гуногун таҳлил намояд.

Дар ҷараёни тадқиқот 2316110 сар чорвои калони шохдор аз муоинаи аллергӣ гузаронида шуд, ки аз он 432 сар ҳайвон ба туберкулин вокуниши мусбат нишон доданд. Санҷишҳои симултании аллергӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилӣ (ММҒ) дар 20 хукчаи баҳрӣ, 20 харгӯш ва 20 гӯсолаи синни 6–10 моҳа гузаронида шуда, таҷрибаҳо дар тӯли 180 рӯз идома ёфта, вазъи клиникии ҳайвонот мунтазам назорат карда мешуд. Ташхиси бактериологӣ ва патологоанатомӣ тибқи усулҳои стандартии эътирофшуда анҷом ёфта, барои муайян намудани хусусиятҳои сенсибиликунандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ тадқиқоти аллергӣ пас аз 21 рӯзи сирояткунӣ ва сипас ҳармоҳа такрор карда шуд.

Барои таъмини дақиқии натиҷаҳо, ҳассосияти микобактерияҳои ҷудонамуда нисбат ба пробиотикҳои лаксубтил ва субтилбен дар шароити озмоишгоҳ омӯхта шуда, хусусиятҳои антагонистии штаммҳои *Bacillus subtilis* нисбат ба штаммҳои микобактерияи сил (штамми 36-о, 14-г) ва микобактерияҳои ғайрисилӣ (штамми 37-а) дар ғизоҳои гуногун (ММКА, ПММК, Левенштейн-Йенсен) тавассути рангкунии усули Грам ва Сил-Нилсен таҳлил карда шуд. Ин равиш имкон дод, ки таъсири бактериостатикӣ ва бактериосидӣ аз ҷониби бактерияҳои антагонист бо эътимоднокии баланд муайян карда шавад.

Ин ҳама далолат мекунад, ки хулосаҳои диссертатсия муътамад, илмӣ асоснок ва барои татбиқи амалӣ комилан қобили истифода мебошанд. Асоснокии натиҷаҳо бо таҳлили муфассали маълумотҳои таҷрибавӣ, таҷрибаҳои озмоишию истеҳсолӣ, нашри 20 мақолаи илмӣ (аз он 5-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), таҳия ва ба тасдиқ расонидани ду дастурамали методӣ пурра тасдиқ мегардад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо инчунин бо муҳокима дар 7 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар

раванди таълимии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба таври амалӣ исбот гардидааст.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз ҷиҳати сохтор ба талаботи стандартии рисолаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Сохтори он муқаддима, шарҳи адабиёт, мавод ва усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои тадқиқот ва муҳокимаи онҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳар яке аз фаслҳо аз рӯйи мантиқ ва пайдарпаии илмӣ тартиб дода шуда, ҳадафҳои тадқиқот ва раванди ҳалли онҳоро пурра инъикос менамояд.

Кор бо 19 ҷадвал, 11 расм ва 10 диаграмма инъикос гардида, рӯйхати адабиёти истифодашуда 191 манбаъро дар бар мегирад, ки 128-тои он ба забони русӣ ва 63-тоаш ба забонҳои хориҷӣ мебошанд. Ин фаровонии манбаъҳо аз дараҷаи баланди омӯзиши адабиёти илмӣ ва шиносоии васеи муаллиф бо корҳои соҳа далолат мекунад. Дар замима ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, аз ҷумла тавсияномаҳои методӣ ва патенти ихтироот пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалии тадқиқотро тасдиқ менамоянд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ пурра ҷавобгӯ буда, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотро пурра фаро мегирад.

Боби якум ба таҳлили мукаммали манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ташхиси бемории сил ва аксуламалҳои аллергии ғайрихос бахшида шудааст. Дар он маълумоти умумӣ дар хусуси микобактерияҳои ғайрисилӣ, манбаъҳо ва роҳҳои сироятёбӣ, усулҳои ташхиси тафриқавӣ, ҳамчунин хусусиятҳои пробиотикҳо дар асоси бактерияҳои ҷинси *Bacillus* ва таъсири *B. subtilis* бар микобактерияҳои ғайрисилӣ баррасӣ гардидааст. Шарҳи адабиёт дақиқ баррасӣ гардида, дар он хусусиятҳои морфологӣ ва биологии микобактерияҳо, механизми таъсири ППД-туберкулин ва аллергени комплексии микобактерияҳои ғайрисилӣ (ММҒ) таҳлили амиқ ёфтаанд. Муаллиф вазъи паҳншавии сил дар кишварҳои минтақа ва Тоҷикистон, инчунин мушкилоти марбут ба аксуламалҳои парааллергиро бо такя ба таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ тавсиф намуда, дар маҷмӯъ заминаи устувори назариявиро барои тадқиқоти минбаъда фароҳам овардааст. Боб бо хулосаи мухтасар анҷом ёфта, самтҳои асосии ҳалли мушкилот муайян карда шудаанд.

Боби дуюм тавсифи маводи тадқиқотӣ ва усулҳои коркарди онро дар бар мегирад. Дар он муаллиф маҷмӯи усулҳои маъмул ва муосири тадқиқотӣ, аз ҷумла санҷишҳои аллергии алоҳида ва симултанӣ, тадқиқоти саҳроӣ дар хоҷагиҳои аз нигоҳи эпизоотӣ гуногун, таҳқиқоти бактериологӣ ва патологоанатомӣ, озмоишҳо дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ (хукчаҳои баҳрӣ, харгӯшҳо, гӯсолаҳо), инчунин усулҳои рангкунӣ (Грам, Сил-Нилсен) ва таҳлили омориро истифода кардааст. Инчунин, усулҳои тайёркунии пробиотикҳо дар шакли ҳаб ва хока ва санҷишҳои лабораторӣ оид ба фаъолнокии бактерияи антагонист нисбат ба микобактерияҳо ба таври муфассал оварда шудаанд.

Боби сеюм ҳамаи натиҷаҳои илмии бадастомадаро дар бар мегирад. Аввалан, муаллиф таҳлили вазъи эпизоотӣ оид ба бемории сил дар хоҷагиҳои чорвои калони шохдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 14-сола (2009–2022) ва таҳлили эпидемиологии гирифторшавии одамонро пешниҳод намудааст. Баъдан, натиҷаҳои ташхиси тафриқавии аксуламали ғайрихоси туберкулинӣ дар чорвои калони шохдори хоҷагиҳои мусоид бо истифодаи санҷиши симултанӣ (СХТ ва ММҒ) тавсиф карда шуда, муайян гардидааст, ки дар аксари мавридҳо аксуламалҳо бо микобактерияҳои ғайрисилӣ алоқаманданд. Сипас, хусусиятҳои иллатангезӣ ва ҳассосгардонандаи микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ омӯхта шуда, қайд гардидааст, ки ин микобактерияҳо бидуни иллатзо будан қобилияти сенсибилизатсияи организмро доранд. Дар идома фаъолнокии бактерияи антагонисти *Bacillus subtilis* нисбат ба микобактерияҳои сил ва ғайрисилӣ дар шароити лабораторӣ таҳлил гардида, таъсири бактериостатикӣ ва бактериосидии он исбот шудааст. Ҳар як қисмати боб бо таҳлили амиқ ва хулосаҳои ҷузъӣ такмил ёфтааст.

Боби чорум ба таҳлили муқоисавӣ ва умумигардонии натиҷаҳои бадастомада дар робита бо маълумоти илмии мавҷуда бахшида шудааст. Муаллиф маълумоти худро бо натиҷаҳои таҳқиқоти олимони дигар муқоиса намуда, ҷанбаҳои навоваронаи тадқиқотро, аз ҷумла самаранокии санҷиши симултанӣ дар хоҷагиҳои мусоид, хусусиятҳои сенсибилизатсияи микобактерияҳои ғайрисилӣ ва таъсири пробиотикҳоро асоснок мекунад.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои тадқиқот дорои арзиши баланди илмӣ буда, ба рушди илми микробиологияи ветеринарӣ ва эпизоотология саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи байни зоҳиршавии аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба туберкулин ва микобактерияҳои ғайрисилии гурӯҳи IV (тибқи таснифоти Ранон) муайян карда шуда,

хусусиятҳои сенсибиликунанда ва иллатзоии се намуди асосии онҳо – *M. phlei, M. smegmatis ва M. fortuitum* дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор омӯхта шудааст. Инчунин самаранокии истифодаи пробиотики лаксубтил дар асоси штаммҳои *Bacillus subtilis* барои пахш намудани аксуламалҳои аллергӣ асоснок карда шуд, ки ин самти навро дар пешгирӣ ва ташхиси бемории сил мекушояд. Таҳияи нақшаи ташхиси тафриқавӣ ва пешниҳоди санҷиши симултании туберкулинӣ заминаи илмиро барои баланд бардоштани дақиқии ташхис ва коҳиши натиҷаҳои бардурӯғ фароҳам овардааст.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар таҳия ва ба тасдиқ расонидани ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ ифода меёбад. Дар асоси натиҷаҳои кор, «Тавсияҳои методӣ оид ба ташхиси патологоанатомии туберкулёзи чорвои калони шохдор» (2017) ва «Дастури методӣ оид ба гузаронидани санҷиши аллергии симултанӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ» (2016) таҳия ва ба тасдиқ расонида шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва дастурамалҳо барои мутахассисони тибби ветеринарӣ дар муайянсозии ҳолатҳои шубҳаноки сил, интихоби вояи оптималии аллергенҳо ва истифодаи санҷиши симултанӣ дар хоҷагиҳои аз нигоҳи сил мусоид аҳамияти калон доранд.

Аҳамияти иқтисодӣ аз он иборат аст, ки такмили ташхис ва кам кардани ҳолатҳои аксуламалҳои бардурӯғ, зарурати нобудсозии беасоси ҳайвоноти солимро коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, талафоти иқтисодии хоҷагиҳои чорводорӣ, ки аз забҳи беасос ва хароҷоти иловагии ташхису тадбирҳои маҳдудкунанда ба вуҷуд меоянд, ба таври назаррас кам мегардад. Коҳиш ёфтани шумораи ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда ва кам шудани сарфи маводҳои ташхисӣ ба афзоиши самаранокии истеҳсолот ва баланд шудани ҳаҷми маҳсулнокии чорво мусоидат мекунад. Истифодаи пробиотикҳои дастраси ватанӣ низ ба коҳиши хароҷоти хоҷагиҳо оварда мерасонад.

Аҳамияти иҷтимоӣ дар паст гардидани хатари сирояти одамон аз чорво ва таъмини амнияти озуқаворӣ зоҳир мегардад. Сили ҳайвонот ҳамчун бемории зоонозӣ ба саломатии аҳолӣ, бахусус гурӯҳҳои осебпазир – кӯдакон, занони ҳомила, шахсони дорои масунияти паст ва коргарони соҳаи чорводорӣ, хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Бо кам шудани ҳолатҳои сил дар чорво ва беҳтар шудани назорати эпизоотӣ, хатари интиқоли беморӣ ба одамон коҳиш меёбад.

Татбиқи натиҷаҳои тадқиқот ба иҷрои барномаҳои давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда, ба рушди

устувори соҳаи чорводорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ замина мегузорад.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дар 20 мақолаи илмӣ интишор гардидаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи «Кишоварз» ва «Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон», инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ ба нашр расонида шудаанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Самти илмии тадқиқот ба бандҳои 5.1 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад. Ин мувофиқат бо он асоснок карда мешавад, ки дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои марбут ба ташхиси аллергӣ, тафриқаи аксуламалҳои хос ва ғайрихос, омӯзиши хусусиятҳои микобактерияҳои ғайрисилӣ ва истифодаи пробиотикҳо барои беҳтарсозии ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ин ба соҳаи микробиологияи ветеринарӣ ва эпизоотология тааллуқ дорад.

Новобаста аз ин дар диссертатсия камбудиҳо дар тартиб додани матн, маводҳои тасвирӣ, хатогиҳои грамматикию орфографӣ ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Ҳарчанд муаллиф таъсири бактериостатикии лаксубтил ва субтилбенро исбот кардааст, механизмҳои дақиқи молекулавӣ ва биологии таъсири онҳо (масалан, тавлиди кадом бактериосинҳо, таъсир ба системаи иммунии ҳайвон) ба таври кофӣ ошкор нагардидаанд.

2. Дар автореферат бештар ба натиҷаҳои фенотипӣ такя шуда, ҷанбаҳои молекулавӣ ва генетикӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Аммо ин камбудиҳо ба арзиши илмии кори муаллиф таъсири назаррас надоранд.

Хулоса. Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи «Таъсири *Bacillus Subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ

(вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ сазовор дониста мешавад.

Муқарризи расмӣ:
Муовини директор оид ба илм,
таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти тибби ветеринарии АИКТ, н.и.в Назруллозода С.Ҳ.
23 июни соли 2026

Суроғаи муқарриз: Душанбе, кӯчаи Сурхоб, 438,
Телефон: (+992) 985636368
E-mail: sulaimon.habibi@mail.ru

Имзои Назруллозода С.Ҳ.–ро

"Тасдиқ мекунам"
Сармутахассис оид ба кадрҳои
Институти тибби ветеринарии АИКТ Шабнами Р.

Суроғаи муассиса: 734005, Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, 43,
Телефон: (+992) 205536363
E-mail: iveterinari@mail.ru
23 июни соли 2026